Ба Шӯрои диссертатсионии 6D-КОА.030
назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
(734025, Ҷумҳурии Тоҷикистон, шаҳри
Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17)

**ТАҚРИЗ**

**ба диссертатсияи Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон дар мавзӯи «Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ**

Таҳқиқу омӯзиши паҳлуҳои гуногуни масъалаи таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандон дар шароити низоми сиёсии демократӣ, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон роҳи бунёди чунин низом ва ҷомеаи шаҳрвандии пешрафтаро интихоб намудааст, ҳам аз лиҳози назариявӣ ва ҳам аз нуқтаи назари рушди амалияи сиёсиву давлатдории миллӣ муҳим мебошад. Маҳз истифодаи босамари захираи неруи инсонӣ, ки он дар маҷмуъ тамоми қишрҳои аҳолии кишварро дар бар мегирад, дар рушди давлат ва амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии мамлакат омили асосӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин иртибот мавзӯи гендерӣ, яъне таъмини баробарии ҳуқуқи мардону занон, имконияти баробари иштироки онҳо дар истифодаи захираҳои моддӣ, раванди идоракунии давлат дар шароити таҳкими пояҳои истиқлол ва рушди институтҳои ҷамъиятиву давлатӣ аҳамият хосса касб менамояд. Таваҷҷуҳ ба масъалаи сиёсати гендерӣ ҳанӯз дар замони шӯравӣ, ҳамчун ҷузъи муҳими сиёсати давлатӣ, ташаккул ёфта, дар сатҳи зарурӣ дар амалияи ҷамъиятию сиёсӣ татбиқи худро пайдо карда буд. Дар замони нав дар марҳилаи соҳибистиқлолии Тоҷикистон, ки давлат субъекти комилҳуқуқи муносибатҳои байналмилалӣ эътироф гардид, бо ба имзо расидани як қатор санадҳои байналмилалӣ, дар Конститутсия ва дигар санадҳои меъёрию ҳуқуқӣ ворид гардидани бандҳои махсус оид ба ҳимояи ҳуқуқи занон дар тамоми соҳаҳои ҳаёти ҷамъиятӣ, аз ҷумла таъмини ҳуқуқи иштироки онҳо дар раванди идоракунии давлат, дар ҳар чорсола манзур гардидани ҳисоботи Ҳукумати Тоҷикистон оид ба вазъи таъмини ҳуқуқи занон ба зерсохтори СММ, аҳамияти масъалаи гендериро дар сатҳи давлатӣ афзун намуд.

Дар ин иртибот аз ҷониби унвонҷӯ Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон анҷом дода шудани таҳқиқот дар мавзӯи «Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули

сиёсати давлатӣ (дар мисоли кишварҳои Осиёи Марказӣ)» дар шинохти дурусти масъала, ҷиҳатҳои назариявии ташаккул ва инкишофи масъалаи гендерӣ дар илми сиёсӣ, муаммову мушкилот ва дурнамои ҳалли он бисёр муҳим ба назар мерасад, зеро аҳамияти илмию назариявии масъалаи таъмини баробарҳуқуқии шаҳрвандон аз эҳтиёҷоти иҷтимоию сиёсии ҷомеа бармеояд ва вобаста ба раванди рушди он самтҳои муайяни мубрам касб намудааст. Аҳамияти мавзӯи гендер, ҳамчун назарияи илмӣ ва ҳамчун зуҳуроти биологию иҷтимоӣ, дар заминаи ташаккули низоми нави сиёсӣ боз ҳам муҳимтар гардид. Вобаста ба ниёзҳои иҷтимоии ҷомеа зарурат ба омӯзишу таҳқиқи ҳамаҷонибаи масъалаи мазкур боло рафта, дар ҷабҳаи пажӯҳиши он талаботи тоза ба вуҷуд омаданд.

Таҷрибаи татбиқи амалии масъалаи гендерӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон нодир буда, дар ин самт қабул гардидани як қатор санадҳои меъёрию хуқуқӣ, аз қабили барномаҳои давлатӣ, стратегия ва консепсияҳо оид ба баланд бардоштани нақшу мақоми зан дар ҷомеа, фаъолгардонии ширкати занон ба дарки бештари сатҳи маърифати масъалаи гендерӣ аз ҷониби шаҳрвандони кишвар мусоидат намуд. Гузашта аз ин, муносибати хоссаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нисбати баланд бардоштани мақоми занон дар ҷомеа, мулоқот бо бонувони фаъоли кишвар ва пуштибонии амалии ҷавондухтарон ҷиҳати таҳсил дар мактабҳои олӣ ва ҳамасола дар сатҳи баланд таҷлил гардидани Рӯзи Модар дар Тоҷикистон на танҳо барои дарки дурусти таъмини баробарҳуқуқии занону мардон дар таҳсилу фаъолияти ҷамъиятию давлатӣ, зиёда аз ин дар амалияи ҷамъиятӣ дастгирӣ пайдо намудани иштироки занон дар идоракунии давлат мусоидат намудааст.

Унвонҷӯ Раҳмонзода Г.Р. новобаста ба таври васеъ мавриди омӯзиш қарор додани масъалаи гендерӣ дар сиёсати давлатӣ, ки он панҷ кишвари Осиёи Марказиро фаро гирифтааст, бо такя ба асарҳои илмии олимони ватаниву хориҷӣ ва санадҳои меъёрию ҳуқуқии дохиливу байналмилалӣ ба мавзӯъ фарох назар карда, барои дуруст инъикос намудани он аз натиҷаи тадқиқотҳои сотсиологӣ низ истифода кардааст. Асосҳои назариявии таҳқиқотро хулосаҳои назариявии олимони мазкур ва назари мустақилонаи муаллиф ташкил медиҳанд. Дар раванди таҳқиқот муаллиф методҳои илмии таърихӣ, ҳуқуқӣ, равиши низомнок, таҳлили оморӣ, вазифавӣ, муқоисавӣ, баҳогузорӣ ва пешгӯиро истифода намудааст.

Муаллиф бамаврид зикр менамояд, ки таҳлили ҷанбаъҳои таърихии гендер, ҳамчун равияи таҳқиқотӣ, имконият медиҳад, ки онро аз нуқтаи назари ташаккули ҷомеаи инсонӣ ба ҳайси шакли ҳамзистии марду зан

маънидод намуда, дар ин раванди тӯлони рушд нақши ҳарду ҷинсро муайян намоем. Яке аз умумиятҳои таърихие, ки дар доираи онҳо ҳамзистӣ, ташаккули тарзи рафтор, мафкура, зиндагӣ, умумияти фарҳангӣ ва анъанаву урфу одат ба миён омадааст, ин миллат аст, ки ҳарду ҷинс дар мавҷудияти имрӯзаи он нақши асосӣ доранд (с.33). Дар таърихи начандон дарози давраи соҳибистиқлолии кишвар собит гардид, ки баробари мардон нақши занон низ дар рушди самтҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа назаррас буда, торафт боло рафтани ҳиссаи онҳо дар соҳаҳои маорифу тандурустӣ ва дар мақомоти давлтиву ҷамъиятӣ яке аз мисолҳои равшани бомаром роҳи ҳал пайдо намудани масъалаи гендерӣ дар кишвар мебошад.

Дар ду садсолаи охир ҳаракатҳои зиёди ҷамъиятию сиёсӣ ба миён омаданд, ки якеи аз онҳо талошҳо ҷиҳати таъмини баробарҳуқуқии мардону занон ба шумор рафта, он дар заминаи рушди демократия ва ҳуқуқи инсон зуҳур намуд. Масъалаи гендерӣ, яъне таъмини иштироки баробари мардону занон дар ҳаёти давлат яке аз намунаҳои барҷаста барои ба даст овардани ҳуқуқи сиёсӣ аз ҷониби занон ба шумор меравад. Падидаи мазкур ифодакунандаи воқеияти иҷтимоию сиёсиест, ки таъмини баробарии озодиву ҳуқуқи мардону занон ва имкониятҳои баробари онҳо дар ташаккули демократия ва рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ таъсири назаррас расонида, ба дигаргуниҳои ҷомеаи муосир мусоидат менамояд.

Яке аз паҳлуҳои мусбати диссертатсия дар он ифода меёбад, ки муаллиф дар раванди таҳқиқот доираи васеи адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо моҳият ва хусусиятҳои бевоситаи масъалаи гендерро нишон додааст. Воқеан ҳам, даҳсолаҳои соли охир масъалаи гендерӣ дар саросари ҷаҳон аз ҷониби шумораи зиёди олимону муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Таҳлили нишондиҳандаҳои оморӣ ва назари шаҳрвандон нисбати масъала аз он шаҳодат медиҳад, ки оиди иштироки баробари мардону занон дар сиёсат ва дар идоракунии давлат мавқеву андешаи ягона вуҷуд надорад ва то ҳол қолабҳои дар давраҳои пеш ташаккулёфта дар роҳи ҳалли масъалаи гендерӣ монеа эҷод менамоянд. Дар диссертатсия муаллиф кӯшиш намудааст, ки хусусиятҳои муҳимми масъалаи гендериро таҳлил намояд ва сабабҳои ташаккул ва рушди роҳу воситаҳои таъмини баробарҳуқуқии иштироки мардону занонро дар раванди идоракунӣ муайян созад. Барои амалӣ намудани ин ҳадаф дар диссертатсияи худ муаллиф ба масъалаҳои зерин диққати бештар дода, онҳоро мавриди омӯзиш қарор додааст:

- таҳқиқи асосҳои назариявии ташаккули масъалаи гендерӣ ҳамчун равияи илмӣ, баррасии гендер ба сифати зуҳуроти таърихию иҷтимоӣ;
- таҳлили хусусиятҳои таҳқиқоти гендерӣ дар мактабҳои илмии Осиёи Марказӣ;
- таҳқиқи сабабҳо ва омилҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва маърифатии мавҷудияти табъизу зӯроварии гендерӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ;
- омӯзиши табиати қолабҳои гендерӣ ҳамчун ҷузъи иҷтимоию фарҳангӣ дар ташаккули сиёсати давлатҳои Осиёи Марказӣ;
- таҳлили дурнамои унсури гендерӣ дар сиёсати давлатии кишварҳои Осиёи Марказӣ.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло икрор бояд шуд, ки мақсади таҳқиқот амалӣ ва вазифаҳои муаллиф иҷро гардидаанд.

Диссертатсияи мазкур аз рӯйхати ихтисораҳо, муқаддима, ду боб, панҷ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Боби якуми диссертатсия ба таҳқиқи ҷанбаъҳои назариявии ташаккул ва инкишофи масъалаи гендерӣ дар илми муосир бахшида шуда, дар он асосҳои назариявии ташаккули масъалаи гендерӣ ҳамчун равияи илмӣ, хусусиятҳои таҳқиқоти гендерӣ дар мактабҳои илмии Осиёи Марказӣ мавриди баррасӣ қарор гирифтаанд. Боби дуюмро масъалаи табиати иҷтимоию сиёсии масъалаи гендерӣ ва хусусиятҳои он дар кишварҳои пасошӯравии Осиёи Марказӣ дар бар мегирад, ки дар он зӯроварии гендерӣ: ҷанбаъҳои сиёсию ҳуқуқии пешгирии он дар кишварҳои минтақа, қолабҳои гендерӣ, ҳамчун ҷузъи иҷтимоию фарҳангӣ, дар ташаккули сиёсати давлатҳои Осиёи Марказӣ таҳлилу баррасӣ гардидаанд.

Хулосаҳо ва натиҷаҳои асосии диссертатсия барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаи гендерӣ заминаи илмию назариявӣ фароҳам меоварад. Инчунин таҳқиқот барои беҳтар намудани роҳҳои танзими масъалаҳои гендерӣ аз ҷониби мақомоти дахлдори давлатӣ ва ҷамъиятӣ метавонад истифода бурда шавад. Маводи таҳқиқот барои ташаккули ҷаҳонбинии назариявии муҳаққиқони ҷавон ва онҳое, ки ба омӯзиши масъалаҳои гендерӣ машғул мегарданд, хеле муҳим мебошад. Тавсияҳои амалии муаллиф ва хулосаҳои диссертатсия дар фаъолияти мақомоти дахлдори ҳокимияти давлатӣ, аз он ҷумла Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, дар самти аз байн бурдани муаммоҳои марбут ба масъалаи гендерӣ метавонанд истифода бурда шаванд.

Саҳми муаллиф дар омӯзиши ин масъала аз он иборат аст, ки ӯ дар илмҳои сиёсии ватанӣ масъалаи гендериро бо диди нав ва бо дарназардошти вазъияти низоми нави сиёсии дохилии давлат ва талаботи карору санадҳои байналмилалӣ оид ба масъалаҳои гендерӣ мавриди омӯзиш ва таҳлил карор додааст. Таҳлили диссертатсия нишон медиҳад, ки мақсади таҳқиқот ва вазифаҳои муқаррargардидаи муаллиф иҷро гардидаанд.

Натиҷаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар 5 мақолаи илмии муаллиф дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, нашр шудаанд. Инчунин муаллиф дар конфронсҳои илмию назариявӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти худ маърӯзаҳо намудааст.

Автореферати диссертатсия мазмуну муҳтавои таҳқиқотро пурра ифода менамояд. Вобаста ба норасоиҳои таҳқиқоти мазкур нуктаҳои зеринро номбар метавон кард:

1.Таҳқиқоти анҷомдодаи муаллиф масъалаи унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ дар кишварҳои Осиёи Марказӣ унвон гирифтааст. Вале нишондиҳандаҳои оморӣ оид ба ҳиссаи иштироки занон дар идоракунии давлатӣ дар ҳар яке аз ин давлатҳо ба таври ҷудогона ба назар намерасад.

2.Яке аз роҳҳои ҳал гардидани масъалаи гендерӣ бевосита иштироку мавқеъгирии худи занон ба ҳисоб меравад. Чаро муаллиф ҷиҳати боз ҳам беҳтар равшан сохтани мавзӯъ бо истифода аз назарсанҷӣ диду нигоҳи занонро оид ба ҳаллу фасли масъалаи мазкур инъикос накардааст.

3. Дар зербоби дуюми боби аввал ҳангомии баррасии масъалаи гендерӣ дар мактабҳои илмии Осиёи Марказӣ ба таври зарурӣ сатҳи омӯзиши мавзӯъ дар кишварҳои минтақа инъикос нагардидааст. Хуб мешуд, ки муаллиф бо фарогирии тадқиқоти пажӯҳишгарон ва ҳисоботи давлатҳо масъаларо бештар равшан менамуд.

4. Муаллиф дар боби дуюми диссертатсия ҷиҳати ҳалли масъалаҳои гендерӣ дар бораи интихоби “миёнаи тиллоӣ” сухан намуда, онро ба таври зарурӣ шарҳ намедиҳад. Бамаврид мебуд, ки мисоли равшан аз таҷрибаи кишварҳои пешқадам оварда шуда, имконпазирии амалӣ намудани он таҷрибаҳо барои давлатҳои минтақа зикр мегардид.

Дар маҷмӯъ гуфтан мумкин аст, ки диссертатсияи мазкур таҳқиқоти анҷомёфта мебошад ва норасоиҳои дар боло зикргардида мазмуни илмии онро коста намегардонанд. Зеро муаллиф ҳангоми омӯзиши мавзӯи диссертатсия доираи васеи адабиёти илмиро истифода намуда, дар заминаи таҳлили онҳо ва бо дарназардошти вазъи сиёсии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

кишварҳои дигари минтақа хулоса ва пешниҳодҳои илман асоснок манзур намудааст.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон дар мавзӯи «Нақши унсури гендерӣ дар ташаккули сиёсати давлатӣ (дар мисоли кишварҳои Осиёи Маказӣ)» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ ба омӯзиши яке аз мавзӯъҳои доғи илми сиёсӣ бахшида шуда, таҳқиқоти мукаммал ва анҷомёфта ба ҳисоб меравад. Сохтори диссертатсия ва муҳтавои асосии он ба талаботи пешбининамудаи бандҳои 10-16 «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Бо назардошти муҳтавои асосии диссертатсия ва аз рӯи интишороти муаллифи он гуфтан мумкин аст, ки Раҳмонзода Гулчеҳра Раҳмон барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои сиёсӣ аз рӯйи ихтисоси 23.00.04 – Масъалаҳои сиёсии муносибатҳои байналмилалӣ, рушди ҷаҳонӣ ва минтақавӣ сазовор мебошад.

**Муқарризи расмӣ:**
**мудири кафедраи сиёсатшиносии**
**Донишгоҳи давлатии ҳуқуқ, бизнес**
**ва сиёсати Тоҷикистон,**
**номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент** **Саидзода Ш.Ш.**

**Имзои номзади илмҳои сиёсӣ,**
**дотсент Саидзода Ш.Ш.-ро**
**тасдиқ менамоям.**
**Сардори раёсати кадрҳо ва**
**корҳои махсуси ДДҲБСТ** **Мирпоччоев И.Ҳ.**

ДОНИШГОҲИ ДАВЛАТИИ ҲУҚУҚ, БИЗНЕС ВА СИЁСАТИ ТОҶИКИСТОН
ШӮЪБАИ КАДРҲО ВА КОРҲОИ МАХСУС

**Суроға: Ҷумҳурии Тоҷикистон,**
**вилояти Суғд, ш.Хуҷанд, маҳаллаи 17.**